# БАЪЗЕ ВИЖАГИҲОИ ҒАЗАЛИЁТИ ҲОДИИ САМАРҚАНДӢ

**Акмал Шерназаров**
*дотсенти донишгоҳи*
*давлатии Самарқанд ба номи Шароф*
*Рашидов,*
**Шоҳсанам Муратова**
*донишҷӯи*
*курси чоруми факултети филологияи*
*Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи*
*Шароф Рашидов*

**Аннотатсия:** *Ҳодии Самарқандӣ яке аз шоирони намоёни охири асри XIX ва ибтидои XX ба ҳисоб рафта, бештар дар жанри ғазал эҷод кардааст.Дар мақолаи мазкур мазмуну мӯҳтаво, вазн, қофия, санъатҳои бадеии ғазалиёти шоир мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.*

**Вожаҳои калидӣ:** *Адабиёти асрҳои XIX ва XX, Ҳодии Самарқандӣ ,муҳити адабии Бухоро,Воизи Қазвинӣ , ғазал,қофия, вазн, санъати талмеҳ*

# ҲОДИЙ САМАРҚАНДИЙ ҒАЗАЛЛАРИНИНГ БАЪЗИ ХУСУСИЯТЛАРИ

**Аннотация**: *Ҳодий Самарқандий XIX-аср охирининг енг кўзга кўринган шоирларидан бири ҳисобланиб, у асосан ғазал жанрида ижод қилган. Ушбу мақола шоир ғазалларининг мазмун моҳияти, поэтик хусусиятлари тадқиқига бағишланган.*

**Калит сӯзлар:***XIX ва XX-асрлар алабиёти,Ҳодий Самарқандий, Бухоро адабий муҳити, Воиз Қазвиний, ғазал, қофия, вазн,талмиҳ санъати*

Мовароуннаҳру Хуросон дар ҳар давру замон макону манзалати шоирхез будани худро собит кардааст. Дар асрҳои XIX ва XX низ деги ин минтақа бечӯш намондааст. Ҳодии Самарқандӣ аз зумраи ҳамон шоиронест, ки дар рушди адабиёти садаи мазкур саҳмгузор буда, бо ашъори рангини худ ба сафҳаҳои адабиёти ин давра ранги тозае бахшидааст. Оиди зиндагӣ ва осори ӯ аз маъхазҳои гуногун, филҷумла, «Намунаи адабиёти тоҷик»-и устод Айнӣ, «Суханварони сайқали рӯйи

замин»-и Садрӣ Саъдиев ва «Девони Ҳодии Самарқандӣ», ки аз ҷониби олими Эрон– Иброҳими Худоёр тартиб дода шудааст, метавонем маълумоти зиёде дастрас кунем. Боварибахштарини манбаъҳо ин ҳамон девони тартиб додаи олими эронӣ аст, чун дар девони мазкур на танҳо оиди осори шоир балки ба сабку нигориш, забону услуб ва вазни ғазалиёти шоир эътибор дода шудааст. Ба қавли адабиётшинос Иброҳими Худоёр "нахустин шарҳи ҳоли кӯтоҳ,аммо бисёр дақиқи шоир дар соли 1913, яъне пас аз 22 соли марги шоир аз ҷониби фарзандаш Фахриддини Роҷӣ дар сафаҳоти поёнии девоне, ки ба ҳиммати ӯ чоп шудааст, дида мешавад".[3]

Ҳодӣ фарзанди Самарқанд буда, соли 1830/31 дар ин диёри қандманд ба дунё омадааст. Таҳсили ибтидоиро дар зодгоҳаш гирифта, барои идомаи он ба мадориси Бухоро меравад. Ҳодӣ тахаллуси шоир ба ҳисоб рафта, номи аслии ӯ Назрулло мебошад. Чӣ тавре дар боло ишора рафт ӯ дар муҳити адабии Бухоро ба камол расида, таҳсили мадраса кардааст. Дар ин муддат ӯ хушнависиро ҳам омӯхтааст. Ҳодӣ низ мисли аксарият шоирон хидмати дарборро ба ӯҳда гирифтааст, вале ин танҳо чаҳор сол идома ёфтааст. Ӯ дар дарбори амир Музаффар ҳамчун муншӣ фаъолият касб намуда, баъди ба зодгоҳаш баргаштан бо тарбияву илм додани насли наврас машғул шудааст. Бино ба гуфтаи устод Айнӣ дар мактаби ӯ занон низ илм омӯхтаанд. Ҳодӣ шоирест, ки ҷодаи узлатниширо пешаи худ карда буд. Инро аз мазомини ғазалиёташ ҳам метавонем дарк кунем.

Яке аз масъалаҳое, ки ба он на сарсарӣ балки бо назари ҷиддӣ нигарист, ин осори шоир аст. Фахриддини Роҷӣ–писари шоир пас аз фавти падар дар соли 1913 девони падарро ба чоп мерасонад, ки дар он 340 ғазали Ҳодӣ ва ашъори парокандаи худи Роҷӣ ҷой гирифтааст. Девони аслии худи Ҳодӣ ва «Анвори Суҳайлӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ, ки Ҳодии Самарқандӣ ба забони туркӣ ба назм даровардааст, пас аз фавти шоир аз байн рафтааст ва Роҷӣ барои чопи девони сангии шоир аз кӯмаки мардум истифода кардааст. Бино ба гуфтаи адабиётшинос Иброҳими Худоёр Фахриддин Роҷӣ (писари шоир) ғазалиёти Воизи Қазвинӣ ном шоирро бо ғазалҳои Ҳодӣ якҷоя чоп карда ва ҳатто дар байтҳои мақтаъи ғазалҳои Воиз номи Ҳодиро навишта, нашр кардааст. Ин албатта иштибоҳ ҳисоб меёбад ва нисбати ин ду шоир ҳақорате беш нест. Бо чӣ мақсад ба ин кор даст задани Роҷӣ ба мо маълум нест, шояд бо ин роҳ зиёд кардани ҳаҷми девонро хоста бошад.

[3] Худоёр И. Девони Ҳодии Самарқандӣ–Теҳрон,1326. саҳ 16

Иброҳими Худоёр девони Ҳодию Воизи Қазвиниро мутолиа карда, ба хулосае омадааст, ки аз 340 ғазали девон танҳо 77 тояш ба Ҳодӣ мансуб аст. Ҳодӣ асосан дар жанри ғазал эҷод кардааст, чун дар ашъори ӯ дигар намуди жанрҳо ба назар намерасад. Ғазалҳои Ҳодӣ дар баҳрҳои ҳазаҷ, рамал, музореъ, муҷтас, мунсареҳ, раҷаз навишта шуда, аз он 40 тояш ба ҳазаҷи мусаммани солим, 2-тояш ба ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф, 1-тояш ба ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф,5-тояш ба рамали мусаммани мақсур, 15- тояш ба рамали мусаммани машкул, 3-тояш ба музореъи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф, 2-тояш ба музореъи мусаммани ахраб,2-тояш ба муҷтаси мусаммани махбун, 3-тояш ба муҷтаси мусаммани махбуни маҳзуф, 1-тояш ба мунсареҳи мусаммани матвии мавқуф ё машкуф ва 1-тояш ба раҷази мусаммани солим тааллуқ дорад.

Дар асоси мутолеае, ки аз ашъори шоир анҷом ёфт маълум шуд , ки ӯ аз саноати шеър хуб огоҳӣ дорад ва шеъри беқофия насурудааст. Ҳодӣ шоирест, ки эҳтиёткорона ва огоҳона дар истифодаи қофия амал кардааст. Дар ашъори суннатии ӯ , махсусан ғазал корбурди махсус дорад. Дар ғазали "Пиёла чораи кори сари пуршӯр месозад" , ки дар вазни Ҳазаҷи мусаммани солим суруда шудааст , қофия композитсияи ғазалро танзим карда¸ дар ҷаззобият нақши муҳим бозидааст:

Пиёла чораи кори сари пуршӯр месозад,
Басе коташ илоҷи хонаи замбӯр месозад.
Маро аз Каъба маҳрумӣ магӯ ҷурмам далел аст ин
Ҳуҷуми ҳайрати завқи висолам дур месозад.[4]

Дар ин ду байте , ки аз ғазал овардем калимаҳои **"пуршӯр"**, **"занбӯр"** ва **"дур"** ҳамқофия буда, мусиқинокии ғазалро ба авҷ расонидааст. Анъанаи қофиябандии ин ғазал чунин аст: аа...ба..ва..., ки одатан ( ба ҷуз аз мисраи аввал) мисраҳои тоқ аз қофия озоданд.

Албатта, дар осори бештари шоирон огоҳона ё ноогоҳ таъсир гирифтан аз пешиниёнро дидан мумкин аст. Ба таври мушаххас дар девони Мирзо Ҳодии Самарқандӣ таъсири мустақими Ҳофизи Шерозӣ, Соиби Табрезӣ ва Бедили Деҳлавӣ ба назар мерасад. Ҳарчанд Ҳодии Самарқандӣ як ғазал аз Ҳофиз ва ду ғазал аз Бедилро бо тазмини мисрае аз онҳо дар ҳолу ҳавои сабкҳои ироқиву ҳиндӣ ҷавоб гуфта ва дар муқобил ҳатто як бор ҳам номи Соиброн мустақиман дар девони худ наёвардааст, сабки Ҳодии Самарқандӣ ба вижа дар тамсилоту услуб, гирифтани мазмунҳои шоирона ва ирсоли масал ба сабки Соиби Табрезӣ шабеҳ аст. Агар бихоҳем аз бархе

[4] Худоёр И. Девони Ҳодии Самарқандӣ–Теҳрон,1326. саҳ 102

вижагиҳои ангуштшумори шеъри Бедил аз қабили вазн, қофия ва радиф, мазомини бедилона ва сабки вижаи Бедил, ки дар девони Ҳодии Самарқандӣ дида мешавад, сарфи назар кунем сабки Ҳодии Самарқандӣ камтар шабоҳате ба шеъри Бедил дорад ва аслан шоир нахоста ё муҳимтар аз он натавониста аз ӯҳдаи ин тақлиди печида барояд. Дар арзи тамом ҳунари худро дар ҷиҳати наздик кардани шеваи худ ба сабки Соиби Табрезӣ, ки дар ин солҳо дар канори Бедил дар Мовароуннаҳр тарафдороне дошт, ба кор бурдааст. Гӯё Ҳодии Самарқандӣ дар пазириши шеваи ғазалсароии Соиби Табрезӣ ба дигар шоирони Мовароуннаҳр–Сайидои Насафӣ назар дошт, ки сафинаи Соиб буду аз 74 мухаммаси худ 31- тои онро бар ғазалҳои Соиб навиштааст. Садриддин Айнӣ дар асари худ "Ёддоштҳо" дар бораи алоқаи падараш ба Соиб чунин навишта буд: "Падарам Соиби Исфаҳониро бисёр дӯст медошт. Шеърҳои ӯро чунон ки бачагон наботро макида, маззакунон мехӯрда бошанд, лаззат гирифта мехонд ва аз рӯи эҳтиром ӯро "бобо Соиб" мегуфт"[5].

Байти матлаъи ғазали Ҳофиз:

Эй фурӯғи моҳи ҳусн аз рӯйи рахшони шумо
Оби рӯйи хубӣ аз чоҳи занахдони шумо.[6]

Байти мақтаъи ғазали Ҳодӣ:

Ин ҷавоби он ғазал, Ҳодӣ, ки Ҳофиз гуфтааст:
"Эй фурӯғи моҳи ҳусн аз рӯйи рахшони шумо".[7]

Байти матлаъи ғазали Бедил:

Ба авҷи кибриё к-аз паҳлӯи аҷз аст роҳ онҷо
Сари мӯе гар ин ҷо ҳам шавӣ, бишкан кӯтоҳ он ҷо.[8]

Байти мақтаъи ғазали Ҳодӣ:

Маро аз баҳри Бедил, Ҳодиё, ин ҷуръа бас бошад:
"Ба авҷи кибриё к-аз паҳлӯи аҷз аст роҳ онҷо".

Матлаъ ва мақтаъи ғазали Ҳодӣ ва тазмини мисраи Бедил:

Дило, аз сидқ чун дар кӯйи ҷонон ошно гаштӣ,
Шаҳаншоҳу амири мулкати дорулбақо гаштӣ....
Хуш он мисраъ, ки Бедил гуфт дар девони худ, Ҳодӣ:
"Чаро, эй дил, ба доғи бетамизӣ мубтало гаштӣ".

---

[5] Айнӣ С. Ёддоштҳо(Чаҳор қисм)Иборат аз як китоб–Душанбе. Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Миллии Тоҷик,2009. саҳ 71
[6] Ахтарони адаб. Ҷилди 28. Девони Ҳофизи Шерозӣ –Душанбе:Адиб,2015. саҳ 48

[7] Худоёр И. Девони Ҳодии Самарқандӣ –Теҳрон, 1326. саҳ 80
[8] Ахтарони адаб.Ҷилди 37. Абдулқодири Бедил. Мунтахабот–Душанбе:Адиб, 2018. саҳ 31

Мавзуи ғазалиёти шоир гуногунранг буда, яке аз онҳо интихоби ҳамнишин аст, яъне инсон бо кӣ бештар дар гуфтугӯ ва равуо бошад, хислату хӯи ҳамнишинаш ба ӯ таъсир мерасонад, чунончи дар байти зер мегӯяд:

Ҳамзабониҳои чашми ӯ маро хомӯш кард
Ҳар кӣ бо доно нишинад, оқибат доно шавад.

Дар ҷои дигар мегӯяд, ки аз ҷинси ғайр ба инсон ҳамеша озор мерасад, мисли он гуфтаи Мавлоно, ки "кабӯтар бо кабӯтар боз бо боз" парвоз кунад мувофиқи табъ мешавад:

Нолаи шамъи ба об афтода дорад ин наво
К-аз қарини ғайри ҷинс озорҳо пайдо шавад.

Аз некӯён ҳангоми хашм низ фақат некиҳо сар мезанад, чун ин тоифа инсонҳо метавонанд ҷилави ғазаби худро ба даст гиранд. Ин маъниро Ҳодӣ хеле зебо ба риштаи назм кашидааст:

Сар назад ҳам ғайри некиҳо зи некон вақти хашм
З-оташи гул з-он сабаб дуде ба ҷуз бӯ барнахост.[9]

Яке аз мавзӯъҳои ҷолиби диққат дар ғазалиёти Ҳодӣ ин мавзӯъи тамаъ аст. Шоир мегӯяд, ки инсон бояд ҳамеша қаноат пеша кунад ва шукргузор бошад. Дар девони шоир ду ғазале ҳаст, ки бо радифи "тамаъ" навишта шудааст ва ин ҷо байте аз он меорем:

Қумрии сарви қаноат бош дар гулзори даҳр
То набошӣ тӯтии хушхони бӯстони тамаъ.[10]

Ҳодии Самарқандӣ дар ситоиши паёмбар мубини дини ислом Муҳаммад Мустафо (с. а. в.) низ ғазалҳо гуфтааст, ки аз он метавонем алоқамандӣ ва эҳтироми шоирро нисбати дин ва паёмбар пай барем:

Таҳрири номи покат зад боли шавқ бар ман
Чун хома беқарорам ё Мустафо Муҳаммад.[11]
ё ин ки
Задам шона ба сина шуд маҳи нав
Ба ёди шакли абрӯи Муҳаммад.

Дар ғазалиёти шоир то андозае санъати талмеҳро низ мушоҳида кардан мумкин. Дар осори шоири номи қаҳрамонҳои достонҳои ишқӣ, аз ҷумла,Лайливу Маҷнун, Хусраву Ширин зикри худро ёфтаанд:

Баски Лайлиро набудӣ тоқати гармии меҳр
Аз саводи дидаи ғамдида Маҷнун хона сохт.

---

[9] Худоёр И. Девони Ҳодии Самарқандӣ –Теҳрон, 1326. саҳ 89
[10] Ҳамон манбаъ. саҳ 107
[11] Ҳамон манбаъ.саҳ 91

Хусрави кишвари ишқам, туи Ширини манӣ
Нақши поят ба сар афсар накунам ман, чӣ кунам?[12]

Ё ин ки метавонем қиссаҳои Қуръонӣ, номгӯи сураҳои онро низ дар ғазалиёти шоир пайдо кунем:

Магсал аз уммеди Яъқубу зи ҳиҷрон ғам махӯр
Юсуфи матлуб биншинад ба Канъон то ба кай?[13]

***

Накди ҷон созам нисори равзааш аз бахри он
Илтизоми хоҷаи Ёсин, ҳам Тоҳо кунам.

Шоир азми сафар ба шаҳрҳои Ясрибу Батҳо дошта, инчунин дар Маккаву Мадина сафар ва манзил карданро бисёр орзу доштааст, ки инро аз ғазалиёти шоир ба хубӣ дарк кардан мумкин аст:

Эй хуш он рӯзе, ки азми Ясрибу Батҳо кунам
Манзиле дар Маккаву ҳам дар Мадина во кунам.[14]

Ҳамин тариқ, Ҳодӣ ба воситаи ашъори лирикии худ ва махсусан ғазалиёташ ба адабиёти нимаи дуюми асри XIX ва оғози садаи XX-и муҳити адабии Самарқанд ва ҳамчунин ба адабиёти муосири тоҷик нуфузи судманде расонидааст.Дар ғазалиёти шоир самимият, тозагии қалб, эҳсосоти поки инсонӣ, ҳиссиёти равшани ошиқи ҳақиқии зиндагӣ, ҳаётдӯстӣ ва ирфон намудор мешавад, ки бо сабку услуби хос иншо гардидаанд. Ҳиссаи ӯ дар ташаккули таҷрибаи эҷодӣ, ҳунари шоирӣ, санъати маъниофарӣ, ҷузъиёти тасвирсозиҳо, коргирӣ аз радифсозиву қофияёбӣ ва ҳамчунин боигарии таркиби луғавию фонди лексикаи забони адабӣ ва ғайра ниҳоят бузург аст.

**Феҳрасти адабиёт:**

1.Айнӣ С. Намунаи адабиёти тоҷик – Маскав, Чопхонаи марказӣ. – 1926. – 656 с

2.Айнӣ С. Ёддоштҳо(Чаҳор қисм)Иборат аз як китоб–Душанбе. Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Миллии Тоҷик, с. 2009. 680 саҳ.

3.Ахтарони адаб. Ҷилди 28. Девони Ҳофизи Шерозӣ – Душанбе:Адиб,2015

---

[12] Ҳамон манбаъ.саҳ 110
[13] Худоёр И. Девони Ҳодии Самарқандӣ –Теҳрон, 1326.саҳ 121
[14] Худоёр И. Девони Ҳодии Самарқандӣ –Теҳрон, 1326.саҳ 111

4.Ахтарони адаб.Ҷилди 37. Абдулқодири Бедил. Мунтахабот–Душанбе:Адиб, 2018

5.Девони Мирзо Ҳодӣ. Чопи сангӣ. Самарқанд, 1913.

6.Қазвинӣ, Воиз. Девон. Дар таҳия ва тасҳеҳи Аҳмад Карамӣ. – Теҳрон: Интишороти мо, 1384. – 713 с.

7.Саъдиев С. Муҳити адабии Самарқанд дар шоҳроҳи таърих. – Тошкент: Фан, 2009

8.Саъдиев С. Суханварони Самарқанд. – Самарқанд: Маҳорат, 2023. – 504 с.

9.Худоёр И. Девони Ҳодии Самарқандӣ. — Теҳрон, 1326

10.Хӯҷақулов С. Адабиёти давраи бедории миллӣ. – Тошкент: Ӯзбекистон миллий энсеклопедияси, 2015